# ХУЛОСАИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-014 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ АЗ РӮЙИ ИХТИСОС

**Парвандаи аттестатсионии №_______________**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 3.04.2026, №81**

Барои сазовор донистани Абдулхайров Фахриддин Маҳмадшоевич, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз).

Диссертатсияи Абдулхайров Фахриддин Маҳмадшоевич дар мавзуи «Ҷанбаҳои назариявию амалии баландбардории сифати идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ (дар асоси маводҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон)», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) санаи 20 январи соли 2026, дар асоси хулосаи мусбати комиссияи экспертӣ барои ҳимоя қабул карда шуд, суратмаҷлиси №104 Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14), ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 октябри соли 2024, таҳти №402/шд таъсис дода шудааст.

Абдулхайров Фахриддин Маҳмадшоевич 26-уми феврали соли 1991 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Абдулхайров Фахриддин Маҳмадшоевич соли 2013 Донишкадаи молияи Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси фаъолияти бонкӣ хатм намуда, соли 2013 ба зинаи магистратураи Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон) аз рӯйи ихтисоси молия дохил шуда, донишкадаи мазкурро соли 2015 хатм намудаст. Абдулхайров Фахриддин Маҳмадшоевич аз соли 2016 ба ҳайси докторант (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 - Молия (6D050901 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) ба кафедраи молияи Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон) таҳсилро оғоз намуда, онро соли 2020 хатм кардааст.

Абдулхайров Фахриддин Маҳмадшоевич фаъолияти корияшро солҳои 2014 то 2015 дар ҶСК "Бонки Эсхата" шаҳри Душанбе ба ҳайси таҳлилгар, коршиноси қарзӣ оғоз намудаст.

Солҳои 2015-2019 ба ҳайси ассистенти кафедраи молияи Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон) фаъолият намудааст.

Номбурда аз соли 2020-2024 ба ҳайси ассистент дар кафедраи аудит ва ревизияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон фаъолият кардааст.

Аз январи соли 2025 дар вазифаи иҷрокунандаи муаллими калони кафедраи аудит ва ревизияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон фаъолият намуда истодааст.

Мавзуи рисолаи диссертатсионии Абдулхайров Фахриддин Маҳмадшоевич дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон 29.06.2017, протоколи № 11/8.4 тасдиқ шуда ва тибқи қарори Шурои олимони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз 5.11.2018 сол протоколи № 3/5.13 бинобар пеш омадани зарурияти истеҳсолӣ иваз шудааст.

Мувофиқи нақшаи таълимии шуъбаи омодакунии кадрҳо ва кадрҳои илмӣ-педагогӣ, аз тарафи докторант (PhD) 180 кредит аз худ шудааст ва имтиҳони ниҳоиро бо муваффақият супоридааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Бегматов Ашурбой Ахманович** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон мебошад.

**Муқарризони расмӣ:**

- **Ҳикматов Умедҷон Сафаралиевич** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;
- **Бобоев Нозимҷон Мансурович** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молия ва андози МДТ “ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”;

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар тақризи худ, ки аз ҷониби н.и.и., дотсент Икромӣ Н.Қ. таҳия гардида, дар ҷаласаи кафедраи молия баррасӣ ва муҳокима карда шудааст (суратҷаласаи №7/1, аз 06.03.2026) ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, д.и.и., дотсент Асрорзода Убайдулло Саттор санаи 07.03.2026 сол тасдиқ шудааст, хулосаи мусбат додааст.

Дар тақриз хулоса чунин баровардa шудааст, ки диссертатсияи Абдулхайров Фахриддин Маҳмадшоевич дар мавзуи «Ҷанбаҳои назариявию амалии баландбардории сифати идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ (дар асоси маводҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон)» таҳқиқоти нав буда, дорои навгониҳои илмии аҳаммияти назариявӣ ва амалидошта мебошад ва яке аз мавзуҳои нисбатан камтаҳқиқшуда, мубрам ва баҳсталаби доираи илмҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад ва ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рисолаҳои номзадӣ аз рӯйи ихтисос, ки бо “Низомномаи шурои диссертатсионӣ” ва “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” муқаррар шуда ва бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Абдулхайров Фахриддин Маҳмадшоевич барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) сазовор мебошад.

Автореферат ва корҳои илмии нашршудаи довталаби дараҷаи илмӣ пурра мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд. Дар хулосаи мусбат қайд шудааст, ки довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 20 интишороти илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда дорад.

## 1. ФЕҲРИСТИ КОРҲОИ ЧОПШУДАИ МУАЛЛИФ ДОИР БА МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

### Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда:

**[1-М]** Абдулхайров, Ф.М. Муаммоҳои устувории фаъолияти бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ф.М. Абдулхайров // Дар маҷаллаи «Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Душанбе, 2015, № 2/4 (169) саҳ 261-263. ISSN 2413-5151

**[2-М]** Абдулхайров, Ф.М. Нақш ва мақоми аудит дар низоми мониторинги сифати идоракунии корпоративии бонкҳо [Матн] / Ф.М. Абдулхайров // Паёми "Молия ва иқтисод" (маҷаллаи илмӣ-амалӣ), Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.–Душанбе, 2021.– № 4/1 (29) саҳ 178-187. ISSN 2663-0389.

**[3-М]** Абдулхайров, Ф.М. Роҳҳои такмилдиҳии идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А.А. Бегматов, Ф.М. Абдулхайров // Донишгоҳи миллии Тоҷикистон – Душанбе, 2022 №2, саҳ 162-170. ISSN 2413-5151

**[4-М]** Абдулхайров, Ф.М. Принсипҳо ва маделҳои заминавии идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ [Матн] / Ф.М. Абдулхайров // Паёми "Молия ва иқтисод" (маҷаллаи илмӣ-амалӣ), Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.–Душанбе, 2022.– № S2.1(31) саҳ 509-520. ISSN 2663-0389.

**[5-М]** Абдулхайров, Ф.М. Таҷрибаи байналмилалии идоракунии корпоративии бонкҳо ва истифодабарии он дар бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ф.М. Абдулхайров // Паёми "Молия ва иқтисод" (маҷаллаи илмӣ-амалӣ), Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.–Душанбе, 2023.– № 1(35) саҳ 350-360. ISSN 2663-0389.

**6-М]** Абдулхайров, Ф.М. Раванди тадбиқи рақамикунонӣ дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ф.М. Абдулхайров // Паёми "Молия ва иқтисод" (маҷаллаи илмӣ-амалӣ), Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.–Душанбе, 2024.– № 1(40) саҳ 140-149. ISSN 2663-0389.

### 2. Мақолаҳо дар дигар маҷаллаҳо:

**[7-М]** Ташкили низоми идоракунии молиявӣ дар шароити рушди инноватсионии корхонаҳо [Матн] / Ф.М. Абдулхайров // Рушди инноватсионӣ ва рақамикунонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: Муаммо ва дурнамо маводҳои конференсияи илмӣ-амалии донишгоҳӣ бахшида ба 30-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ш. душанбе, 8-уми апрели соли 2021) саҳ 118-122.

**[8-М]** Абдулхайров, Ф.М. Асосҳои назариявӣ ва методологии идоракунии корпаративӣ дар бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон

[Матн] / Ф.М. Абдулхайров // Маводҳои конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Тоҷикистон дар низоми муосири муносибатҳои молиявӣ-қарзии байналхалқӣ” (ш.Душанбе 26-уми ноябри соли 2021) саҳ 467-473.

**[9-М]** Абдулхайров, Ф.М. Роҳҳои татбиқ ва амалинамоии идоракунии корпоративӣ дар ташкилотҳои қарзӣ [Матн] / Ф.М. Абдулхайров // Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии “молия” дар мавзуи “Низоми буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлоли давлатӣ: ҳолат ва дурнамои рушди он” Маҷмуаи маводҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба Рузи кормандони мақомоти молия (ш. Душанбе, ДДМИТ, 11.12.2021) саҳ 277-283.

**[10-М]** Абдулхайров, Ф.М. Роҳҳои такмилдиҳии идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ф.М. Абдулхайров // Бонкдорӣ-тараққиёт-ҷаҳонишавӣ (Душанбе, январ-март соли 2022). – БМТ. - 2022. - С. 68-70.

**[11-М]** Абдулхайров, Ф.М. Идоракунии корпоративии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити ноустувории молиявӣ [Матн] / Ф.М. Абдулхайров // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Рушди баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт” (ш.Душанбе- ДБССТ, 26 марти соли 2022) саҳ. 97-100.

**[12-М]** Нақши аудити дохилӣ дар рушди бонкҳои тиҷоратӣ [Матн] / Ф.М. Абдулхайров // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҳайати профессорон, устодон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бахшида ба солҳои рушди саноат (2022-2026)”, 18-23 апрели 2022. саҳ 108-112.

**[13-М]** Абдулхайров, Ф.М., Развитие банковской системы Республики Таджикистан в условиях недостаточности финансовых ресурсов [Текст] / Ф.М. Абдулхайров, Р.Н. Саидов // Материалы IV международной научно-практической конференции «наука и технологии» 15-16 мая Алматы, Казахстан 2022. Стр. 234-240.

**[14-М]** Абдулхайров, Ф.М. Хусусиятҳо ва моделҳои идоракунии корпоративии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити муосир [Матн] / Ф.М. Абдулхайров // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии таҳти унвони “Рушди менеҷменти инноватсионӣ ва нақши он дар тадбиқи ҳадафҳои стратегии кишвар” бахшида ба 30 солагии иҷлосияи 16-уми шурои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.(29-уми октябри соли 2022) Саҳ. 98-105.

**[15-М]** Абдулхайров, Ф.М. Омилҳои институтсионалии таъмини сифати идоракунии корпоративии бонкҳо [Матн] / Ф.М. Абдулхайров // Маводҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосири: Муаммоҳои рушд ва роҳҳои ҳалли он” (11-уми марти соли 2023). Саҳ. 321-326.

**[16-М]** Абдулхайров, Ф.М. Моҳият ва хусусияти хоси низоми идоракунии корпоративӣ дар шароити муосир [Матн] / Ф.М. Абдулхайров // Маводи конфронси илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи “Арзёбии

ҳолати фаъолияти соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” Бахшида ба Солҳои рушди саноат 2022-2026 шаҳри Душанбе, 6-уми майи соли 2023. Саҳ 102-108.

**[17-М]** Абдулхайров, Ф.М. Масъалаҳои методии арзёбии сифати идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ф.М. Абдулхайров // Маводи конфронси илмӣ-амалии байналмилалӣ “Масъалаҳои мубрами баҳисобгирии муҳосибӣ, менеҷмент ва фаъолияти соҳибкорӣ дар шароити саноатикунонии босуръати кишвар” 27-уми майи соли 2023 Саҳ 88-93.

**[18-М]** Абдулхайров, Ф.М. Аудити дохилӣ: роҳҳои такмили он дар низоми назорати идоракунии корпоративӣ [Матн] / Ф.М. Абдулхайров // Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи “Афзалиятҳои рушди бахши молиявӣ дар давраи гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ” бахшида ба Рузи кормандони мақомоти молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (07.12.2023) Душанбе 2023. Саҳ 139-143.

**[19-М]** Абдулхайров, Ф.М. Мукаммал намудани низоми идоракунии корпоративӣ дар ташкилотҳои қарзӣ [Матн] / Ф.М. Абдулхайров // Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи “Тадбиқи сиёсати мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ ” (23.12.2023) Душанбе 2023. Саҳ. 255-259.

**[20-М]** Роҳҳои такмили аудити дохилӣ дар низоми назорати идоракунии корхонаҳо [Матн] / Ф.М. Абдулхайров // Маводи конференсияи илмию назариявии ҳайати устодону кормандон, магистрантону докторантон ва донишҷӯён бахшида ба 30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва «Соли маърифати ҳуқуқӣ», 21-25 апрели 2023. Саҳ 127-134.

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шуданд:**

**1. Тақриз аз Бобозода Комил Олимҷон – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Директори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон** бо чунин эродҳо:

1.Дар таҳқиқот таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ оид ба идоракунии корпоративӣ баррасӣ гардидааст, аммо таҳлили муқоисавии он бо шароити низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад боз ҳам амиқтар пешниҳод карда шавад;

2.Баъзе пешниҳодҳои муаллиф хусусияти умумӣ дошта, агар онҳо бо ҳисобҳои иқтисодӣ ё мисолҳои мушаххаси амалӣ тақвият дода мешуданд, арзиши амалии онҳо боз ҳам баланд мегардид.

**2. Тақриз аз Досиев Маҳмадшо Назарович - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи идоракунии молияи давлатӣ ва иқтисоди рақамии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** бо чунин эродҳо:

1. Сохтор ва мантиқи таҳқиқот пай дар пай ва мутобиқ ба талаботи корҳои илмӣ таҳия гардида, забон ва услуби баён илмӣ, возеҳу равшан ва дақиқ мебошад.

2. Сарфи назар аз арзиши баланди илмӣ ва амалии таҳқиқоти анҷомёфта аз назари мо агар муаллиф ба қисми таъсиррасонии равандҳои рақамикунонии бонкӣ ба идоракунии корпоративиро таҳлил менамуд, ба сифати кор баҳои иловагиро зам менамуд. Албатта, назари мо наметавонад ба арзиши илмии таҳқиқот таъсири манфӣ расонад ва он хусусияти тавсиявиро доро мебошад.

**3. Тақриз аз Султонов Абдураҳмон Неъмонович - номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в дотсент, мудири шуъбаи таълими Донишгоҳи технологии Тоҷикистон** бо чунин эрод:

1. Дар автореферат масъалаҳои назариявии идоракунии корпоративӣ дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ баррасӣ гардидаанд, вале баъзе ҷанбаҳои муқоисаи таҷрибаи кишварҳои пешрафта бо таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбатан мухтасар шарҳ дода шудаанд. Мақсаднок мебуд, ки ин қисмат бо таҳлили васеътари таҷрибаи байналмилалӣ ғанӣ гардонида шавад.

**4. Тақриз аз Комилзода Низомиддин Бегаҳмад – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи молия ва қарзӣ Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ** бо чунин эрод:

1. Дар автореферати диссертатсия аз ҷониби муаллиф ҷадвали 12 оварда шудааст, ки дар он муаллиф SWOT-таҳлили идоракунии анъанавӣ ва идоракунии корпоративӣ дар низоми бонкӣ ва хусусиятҳои фарққунандаи онҳо дарҷ гардидааст. Хуб мешуд агар муаллиф таҳлили ҷадвалро васеътар тартиб медод.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, қисме аз эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд. Тақризҳои дигар нест. Ташаккур, ба диққататон!

**Интихоби муқарризони расмӣ** бо пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ, инчунин бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи масъалаҳои баландбардории сифати идоракунии корпоративӣ, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

**Интихоби муассисаи пешбар** бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмии доктор PhD дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

**- консепсияи** илман асосноки назариявӣ ва механизми баландбардории сифати идоракунии корпоративӣ ошкор гардида, нақши онҳо дар рушди фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ таҳлил карда шуда, баландбардории сифати идоракунии корпоративӣ ҳамчун омили калидии рушди устувори ташкилотҳо дақиқ карда шуда, таъсири мусбии идоракунии корпоративии самаранок ба шаффофият, масъулиятнокӣ ва ҷалби сармояи бонкҳои тиҷоратӣ муайян карда шудааст.

- **исбот шудааст, ки** баланд гардидани сифати идоракунии корпоративӣ дар сатҳи низоми бонкӣ имконияти хизматрасониҳои бонкиро зиёд намуда, идораи босамари хавфҳоро таъмин менамояд. Дар заминаи таҳқиқоти анҷомёфта оид ба баландбардории сифати идоракунии корпоративӣ тавсияҳо ҷиҳати баландбардории идоракунии корпоративӣ коркард шуданд, имкониятҳо барои коркарди қарорҳои идоракунӣ дар самти беҳтар шудани сифати идоракунии корпоративӣ фароҳам оварда шуд, афзоиши эътимоди сармоягузорон ва баланд шудани рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ таъмин хоҳад гашт;

- **роҳҳои** баланд бардоштани сифати идоракунии корпоративии бонкҳои тиҷоратӣ ошкор гардид, аз ҷумла: риояи меъёрҳои Базел, тақвияти назорати дохилӣ, ҷорӣ кардани стандартҳои ахлоқӣ ва рафтори касбӣ, баланд бардоштани масъулияти кормандон, ҷорӣ намудани низомҳои рақамӣ барои идоракунӣ ва назорат, муоширати фаъол бо саҳмдорон, мизоҷон ва танзимкунандагон. Моҳият, хусусиятҳо ва асосҳои рушд муайян гардидааст, зарурати такмили принсипҳои идоракунии корпоративӣ исбот ва хусусиятҳои идоракунии корпоративиро дар бонкҳои тиҷоратӣ ошкор кардааст.

***- тавсияҳои илман асоснок таҳия ва пешниҳод шудаанд:*** а) зарурати талаботи нави қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати фаъолияти низоми идоракунии хавфҳо дар ташкилотҳои қарзӣ; б) ташаккул ва рушди муассисаҳои молиявии фаъол, ки фаъолияти онҳо шаффоф, устувор ва инноватсионӣ аст, бо талаботи идоракунии корпоративӣ дар кишварҳои СҲИР татбиқшаванда бошанд; в) рушди устувори фаъолияти идоракунии бонк, такмили қонунгузории соҳаи бонкӣ, дарёфти имконияту шароити ҳалли баҳсҳо ва аз байн бурдани монеаҳои маъмурӣ; г) рушди сармояи зеҳнӣ дар низоми идоракунии корпоративии бонкҳо то ҳадде, ки барои ҳалли мушкилоти ниҳодӣ мусоидаткунанда бошад.

***- омили муҳимми сарфаи вақт бо таҳқиқи асосҳои назариявӣ***, консепсияҳо, нуқтаи назари муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ заминаи мусоид фароҳам овард, ки хусусиятҳои баландбардории сифати идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратии Тоҷикистон муайян ва ошкор гардид, вобастагии сифати идоракунии корпоративии бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз омилҳои объективӣ ва субъективӣ дақиқ гардид, шароит ва омилҳои институтсионалии дохилию берунии баланд бардоштани даромаднокӣ ва назорати самаранок асоснок гардид.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

- ***муқаррароти*** асосии кор бо муҳтавои натиҷаҳои илмии бадастоварда ва алоқамандии он бо маълумотҳои расмии санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳавӣ марбут ба идоракунии корпоративӣ, ҳисобот ва маълумоти расмии Бонки миллии Тоҷикистон, маҷаллаи “Молия ва ҳисобдорӣ”-и Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, меъёрҳои Стратегияи

миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ҳисоботи бонкҳои тиҷоратӣ, захираҳои электронӣ аз «Internet» ба таври васеъ истифода шудаанд.

***- исбот шудааст,*** ки барои муайян кардани сифати идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамкории онҳо таҳлили як қатор нишондиҳандаҳое, ки сатҳи мувофиқати манфиатҳои иқтисодӣ, вазъи молиявии бонк ва сатҳи самаранокии истифодаи захираҳоро инъикос мекунанд, муҳим ва заруранд. Илова бар ин, исбот шудааст, ки баланд бардоштани сифати идоракунии корпоративии бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз омилҳои объективӣ ва субъективӣ вобастагии калон дорад. Шароит ва омилҳои институтсионалии дохилӣ ва берунӣ муайян карда шудааст, ки ба баланд бардоштани даромаднокӣ, назорати самаранок, мавқеи устувор дар бозорҳои молиявии дохилӣ ва хориҷӣ ва дар маҷмӯъ, баланд бардоштани сифати идоракунии корпоративии бонкҳои тиҷоратии ватанӣ мусоидат мекунанд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта самаранок (бо дарёфти натиҷаҳои навгонии илмидошта):**

***- ғояи*** дар заминаи таҳқиқотҳои анҷомёфта оид ба идоракунии корпоративӣ, имкониятҳои баландбардории сифати идоракунии корпоративӣ ошкор гардида, низоми идоракунии бонкӣ дар маҷмуъ, устувор ва беҳтаргардии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ таъмин мешавад.

***- самтҳои*** мушаххаснамоии методикаи баҳодиҳии сифати идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти баландбардории сифати чунин идоракунӣ муайян ва илман асоснок карда шудааст.

***- омӯхта шудаанд:*** 1) таҳқиқи ҷанбаҳои асосии назариявӣ ва методии идоракунии корпоративӣ бо назардошти афзалиятҳои иқтисодию иҷтимоии он; 2) ошкорсозии ҷиҳатҳои татбиқшавандаи таҷрибаи хориҷӣ оид ба такмили идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон; 3) омилҳои институтсионалии дохилӣ ва берунӣ, ки дар бозорҳои молиявии дохилӣ ва хориҷӣ ба баланд бардоштани даромаднокии бонкҳои тиҷоратии ватанӣ мусоидат мекунанд;

- ***методикаи*** таҳлилу арзёбии идоракунии корпоративӣ ва татбиқи механизмҳои самарабахши он доир ба рушди фаъолияти бонкҳои тиҷоратии кишвар арзёбӣ гардида, имкониятҳо ва самтҳои афзалиятнокии рушди идоракунии корпоративӣ дар низоми бонкии кишвар мушаххас ва тақвият бахшида шуданд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия** чунин тасдиқ карда мешавад, ки:

- ***тавсияҳои методӣ ва амалии*** таҳиякардаи муаллиф дар раванди тадриси фанҳои «Молия», «Фаъолияти бонкӣ», «Менеҷменти молиявӣ», «Аудит ва ревизия» ва «Муаммоҳои муосири молиявӣ», «Назорати молиявии корпоративӣ» ва дигар маводи илмӣ-амалӣ дар кафедраҳои молия ва фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди

Тоҷикистон мавриди истифода қарор гирифтаанд **(санади татбиқи натиҷаҳо аз 08.06.2024 тахти №185**). Ҳамзамон, тавсияҳои асосноки муаллиф дар амалия, дар фаъолияти ҶСК "Бонки Эсхата" **(санади татбиқи натиҷаҳо** №00-01/34 аз 25.07.2024) мавриди истифода қарор гирифтаанд.

- ***консепсияҳои*** идоракунии корпоративии бонкҳои тиҷоратӣ дар назар доранд, ки гарчанде идоракунии корпоративӣ арзёбии ягонаи назариявӣ дорад, татбиқи амалии он вобаста ба имкониятҳои иқтисодии ҳар як давлати алоҳида дар дохили низоми бонкӣ фарқ мекунад; нақши идоракунии корпоративии бонкҳои тиҷоратӣ дар таъмини устувории сиесати қарзӣ, пасандозӣ, сармоягузорӣ ва идоракунии натиҷаҳои молиявӣ **тахия карда шудаанд;** се нишондиҳандаи интегралии сифати идоракунии корпоративӣ, ки мувофиқати манфиатҳои иқтисодӣ, вазъи молиявии бонк ва сатҳи самаранокии истифодаи захираҳоро дуруст арзёбӣ мекунанд **асоснок шудаанд;** методикаи пурраи арзёбии сифати идоракунии корпоративӣ ва низоми устувори ҳамоҳангсозии субъектҳои идоракунии бонкҳои тиҷоратӣ **оияндабинӣ шудааст.**

- ***стратегияи*** устуворгардонии низоми идоракунии корпоративӣ дар бахши бонкӣ самтҳои зеринро дар бар мегирад: мувофиқнамоӣ ва такмили раванди фарогирии санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ дар дохили мамлакат вобаста ба имкониятҳои мавҷуда; дар сурати ташкил ва истифодаи меъёрҳои Кодекси идоракунии корпоративӣ ва ҳамоҳангии он бо санадҳои меъёрӣ; вобаста ба бартарӣ ва маҳорати интихоби роҳбарони мустақил; ташкили кори босамари Шурои директорон, дар якҷоягӣ бо кумитаи аудит, кумитаи банақшагирии стратегӣ, кумитаи кадрҳо ва сатҳи баланди кордонии онҳо; қабули Кодекси ахлоқи корпоративӣ ва монанди инҳо низоми устувории корпоративиро таъмин карда метавонад.

- ***пешниҳод шудааст:*** ҷиҳати баланд бардоштани сифати идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратии ҷумҳурӣ мувофиқнамоӣ ва такмили раванди фарогирии санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, истифодаи меъёрҳои Кодекси идоракунии корпоративӣ ва ҳамоҳангии он бо санадҳои меъёрӣ асоснок гардидааст.

- **Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

- ***назарияи*** илман асоснок дар асоси таҳқиқоти олимони соҳа, омӯзиши асарҳои илмӣ оид ба назарияи идоракунии корпоративӣ, нақши идоракунии корпоративӣ дар рушди бонкҳои тиҷоратӣ ва баланд гардидани даромаднокии онҳо ***пешниҳод гардидааст,*** ки имконияти таъмини фаъолияти густурда ва самараноки фаъолияти бонкҳои тиҷоратиро дар кишвар фароҳам оварда, бевосита ба сатҳи рушди иқтисоди миллӣ дар оянда мусоидат хоҳад намуд.

- ***равиши илман*** асоснокшудаи роҳҳои баланд бардоштани сифати идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ таҳия ва чунин **пешниҳодҳо иҷроа шудаанд**: а) ошкор намудани ҳолати воқеии фаъолияти ҷорӣ ва фароҳам овардани шароит барои татбиқи он дар оянда; б) таъмини самаранокии фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ; в) таъмини шароити мусоид барои ба даст овардани фоидаи иқтисодӣ аз ҷониби соҳибон; г) таъмини

мувофиқати ҳадафҳо ва вазифаҳои саҳмдорон; д) таъмини устувории сиёсати қарзӣ, пасандозӣ, сармоягузорӣ ва идоракунии натиҷаҳои молиявӣ; д) баланд бардоштани сатҳи дониш дар соҳаи идоракунӣ ва масъулияти кормандони низоми идоракунӣ

***- усулҳои*** таҳлили диалектикӣ ва мантиқӣ, абстрактӣ ва мушаххаснамоии илмӣ, муқоисавӣ ва таҳлилӣ, таҳлили оморӣ ва иқтисодию оморӣ, усули системавӣ ва дурнамоӣ истифода шудаанд.

- **муайян карда шуд,** ки натиҷаҳои сифатӣ ва миқдории таҳқиқот тавассути манбаъҳои муътамади назариявӣ ва амалӣ таъйид гардида, истинод ба адабиёти иқтибосгардида бо риояи муқаррароти мавҷуда сурат гирифтааст. Диссертатсия ва автореферат аз санҷиши асолати илмӣ гузашта, маълумотнома аз барномаи “Антиплагиат” censorship сароҳатан сатҳи онро 75,72 ва 89,35% нишон додааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот:** 1) муаллиф дар баландбардории сифати идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ саҳми муайян гузоштааст; 2) дар асоси омӯзиши муқаррароти назариявӣ ва методӣ, афзалиятҳои иқтисодию иҷтимоии идоракунии корпоративӣ муайян ва пешниҳод гардида, иловатан моҳияти иқтисодии он дар низоми бонкдории гузашта ва муосир муайян карда шудааст; 3) иштироки бевоситаи муаллиф дар иҷрои нақшаи корҳои илмӣ дар ҳамаи давраҳо ҷиҳати таҳия ва нашри мақолаҳо, асосноккунӣ ва мубраммияти он, мақсади гузошташуда ва нақши идоракунии корпоративӣ дар пешрафт ва рушди бонкҳои тиҷоратӣ муайян карда шудааст; 4) дар омода намудани 20 мақола, аз он ҷумла 6-адад мақолаи илмӣ дар нашрияҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаи омӯхташуда иборат аст.

Шурои диссертатсионӣ ба хулоса омад, ки таҳқиқоти диссертатсионии Абдулхайров Фахриддин Маҳмадшоевич дар мавзуи «Ҷанбаҳои назариявию амалии баландбардории сифати идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ (дар асоси маводҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон)», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз), кори мустақилона анҷомшудаи илмӣ ва тахассусӣ маҳсуб ёфта, дорои мубрамӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалӣ мебошад ва дар таҳкими асосҳои назариявию методии такмили идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ саҳм гузошта, имкон медиҳад, ки масоили ҳалталаби соҳа ҳаллу фасл гарданд. Диссертатсия ба қисми 1. Молия: 1.2; 1.5; 3.5; қисми 2. Муомилоти пулӣ, қарз ва фаъолияти бонкӣ: 10; 10.5; 10.12; 10.18-и Шиносномаи ихтисосҳои илмии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) мувофиқат мекунад.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 аз санаи 03.04.2026 қарори сазовор донистани Абдулхайров Фахриддин Маҳмадшоевич бо дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор

аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 15 нафар иштирок доштанд, 1 нафар тариқи маҷозӣ, аз ҷумла мутахассисон 5 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 15 нафар (1 нафар тариқи маҷозӣ) аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ: «Тарафдор» – 15 нафар, «Муқобил» – нест, «Бетараф» – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Фақеров Ҳ.Н.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Убайдуллоев Ф.К.**

**03 апрели соли 2026.**